# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Гузариш ба омӯзиши барвақтии забонҳои хориҷӣ дар амал васеъ татбиқ карда мешавад. Омӯзгорони ботаҷрибае, ки дар мактаби миёна кор мекунанд, баъзан бо хусусиятҳои таълими барвақт, бо ҳадаф ва вазифаҳои таълим дар синфҳои ибтидоӣ ношинос ба назди хонандагони хурдсол меоянд, ки ин мушкилоти муайянеро ба вуҷуд меорад. Ба андешаи мо, муаллим бояд, хусусиятҳои психологии хонандагони хурдсолро омӯзад, то раванди таълимро ба таври табиии созад. Барои ба раванди таълим «мувофиқат кардан» ба муаллим лозим аст, ки бо принсипҳои умумии дидактикии таълим дар синфҳои ибтидоӣ шинос шавад. Ба муаллим лозим аст, ки хусусиятҳои фанни забони хориҷиро ба назар гирад ва усули мувофиқу муносиби таълимро барои синфи муайяншуда ва синну сол муайян намояд. Аз ин рӯ, меарзад, ки дар бораи ин масъалаҳо, душвориҳо таҳқиқотҳои муфассалтар гузаронида шавад.

Тавре ки унвонҷӯ иброз медорад, таълими барвақти забони англисӣ дар сурате муваффақ хоҳад шуд, ки агар он ба табиати инсон ва қонунҳои инкишофи он мувофиқат кунад, бо усули табиии шинохт, ки ба хусусиятҳои психофизиологии хонандагони хурдсол мувофиқат мекунад, созгор бошад. Дар назар доштани хусусиятҳои синну сол ба муаллим кӯмак мекунад, ки заминаҳои мусоиди синну солро пурра истифода барад ва мушкилоти объективии ташкили раванди таълимро бартараф кунад.

Барои касе пӯшида нест, ки усулҳои таълими ҳар як фан дар синфҳои ибтидоӣ ва мактабҳои миёна ба таври назаррас фарқ мекунанд, ин қоида ба дарсҳои забони англисӣ дар синфҳои поёнӣ низ дахл дорад.

Аз муаллим талаб карда мешавад, ки на танҳо дониши аълои методикаи таълими фани худро дошта бошад, балки хусусиятҳои психологии хонандагони синни ибтидоии мактабиро низ ба назар гирад.

Ҳангоми омодагӣ ба дарсҳо дар синфҳои ибтидоӣ вазифаҳоеро пешбинӣ кардан лозим аст, ки ба намудҳои гуногуни дарки хонандагон равона карда шудаанд: дастгирии визуалӣ, садоию овозӣ, навиштан ва амалҳо.

Кори диссертатсионии муҳаққиқ Мирзоев Ш.С. омӯзишу таҳқиқи низомноки тарзу усули омӯзиш ва таълими забони англисиро дар синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ фаро мегирад.

Аҳамияти кори диссертатсионии тақризшаванда аз муайян кардани афзалиятҳои муҳитииттилоотӣ-таҳсилотиимуассисаи таҳсилотиибтидоӣ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои муассисаи таҳсилотиибтидоӣ дар марҳилаи имрӯзаи такомулёбии он мусоидат мекунанд; таъйин намудани муқаррароти мундариҷавӣ ва бомақсади таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ; мушаххас намудани тартиботи ташкил ва интихоби барномаҳоитаълимикампютерӣ оид ба дастгирии раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ; муайян кардани маҷмӯи принсип, усул ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ иборат аст.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унвонҷӯй шахсан ба даст овардааст, чунинанд:

- ба таври далелнок нишон дода шудааст, ки татбиқи низоми таълими хонандагони хурдсол бо истифодаи компютер муҳим аст;

- нишон дода шудааст, ки истифодаи барномаҳои компютерии маърифатӣ мувофиқи супоришҳои дидактикӣ ба афзоиши фаъолият, мустақилият, шавқи маърифатандӯзӣ ва сифати дониши ба даст овардаи хонандагони хурдсоли мактаб мусоидат мекунад;

- мундариҷа, сохтор, роҳҳои имконпазири созмондиҳии низоми маҷмӯи таълим аз лиҳози назариявӣ муайян ва асоснок карда шуданд;

- дар замима ба қаринаи махсуси таҳсилот хусусиятҳои муҳитииттилоотӣ-таҳсилотӣ забони хориҷӣ;

- таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ пешниҳод шуда буд;

- низоми интегративии векторҳои асосӣ, аз як тараф марбут бо таълими забони хориҷӣ (вектори робита), аз дигар тараф марбут бо ташаккули саводнокии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (вектори иттилоотӣ)-и хонандагони синни хурд, барои синфҳои ибтидоӣ исбот карда шуд;

- дар асоси илмӣ тартиботи интихоб ва ташкили дастгирии компютерии рафти таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ гузаронида шуд.

Муқаддима ҳадафҳо ва вазифаҳо, аҳамият ва навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалӣ, ҳамчунин манбаъҳо ва маводи таҳқиқотӣ, усулҳо ва санҷиши нуктаҳо ва натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқотро муайян мекунад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси маводи мушаххаси амалӣ оварда шудаанд, ки таҳлил ва гурӯҳбандии он ба муҳаққиқ имкон додааст, ки вазифаҳои гузошташударо дуруст ва дақиқ ҳал кунад.

Кори диссертатсионии Мирзоев Шуҳрат Сайдаҳмадович ҳамчун таҳқиқоти мустақилона гузаронидашуда арзёбӣ карда мешавад, ки он ҷиҳатҳои мусбати омӯзиш ва таълими забони англисиро ба воситаи дастгирии компютерӣ барои хонандагони хурдсол ошкор мекунад. Дар хулоса, натиҷагириҳо дар бораи ҳамаи хусусиятҳои асосии таҳқиқот ба таври мушаххас оварда шудаанд.

Дар баробари ба талабот ҷавобгӯ будани автореферат таъкид менамоем, ки дар автореферат руйхати ихтисораҳо нишон дода нашудааст.

Ин камбудӣ албатта ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Хулоса, кори таҳқиқотии анҷомдодаи Мирзоев Шуҳрат ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарриз:

Доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи назария ва
таърихи педагогикаи
Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон — Гулмадов Файз

Имзои Гулмадов
Файзро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ — М. Саидова.

01.04.2021

Маълумот барои тамос:
Суроға: ш.Душанбе, кучаи Айни 126,
Тел: (+992919636734)
E-mail: gulmadov53@mail.ru